СПИД Фонд Шарқу Ғарб
AIDS Foundation East West
Тоҷикистон|Tajikistan

Намояндагии Ташкилоти Ҷамъиятии
Ҷумҳуриявӣ дар вилояти Хатлон
Representative office of Republican
Public Organization in Khatlon region

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735140, вилояти Хатлон, ш. Қӯрғонтеппа, кӯчаи Лоҳутӣ, х. 9, тел.: (8-3222) 2-41-72; e-mail: khatlon@afew.tj
Bld. 9, Lokhuti str., 735140, Qurqhonteppa, Khatlon region, Republic of Tajikistan, tel.: (8-3222) 2-41-72; e-mail: khatlon@afew.tj

Сод.№2/6-3 аз 29.апрели с.2015.

Ба директори Маркази пешгирӣ ва
мубориза бар зидди бемории ВНМО
дар вилояти Хатлон Давлатов А.Х.

Мӯҳтарам Акрам Хонакович,

Намояндагии Ташкилоти ҷаъмиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон аз фурсати муносиб истифода намуда, барои ҳамкорӣ дар иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 №562 «Дар бораи тасдиқи Барнома оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015» эҳтиром ва минатдории худро изҳор менамояд.

Бо мақсади пешгирии паҳншавии ВНМО, Намояндагии мо дар вилояти Хатлон лоиҳаҳои муштаракро амалӣ намуда, бо гурӯҳҳои аҳолии хатари зиёди сироят бо ВНМО дошта, аз ҷумла, нашъамандони тазриқӣ, расонандагони хизматҳои шаҳвонӣ, маҳбусон, собиқ маҳбусон, мардони бо мардон алоқаи ҷинсӣ дошта корбарӣ менамояд. Бо онҳо дарсҳои омӯзишӣ - иттилоотӣ, маъракаҳои пешгирии ВНМО, машваратдиҳӣ оиди ВНМО, пешниҳоди роҳхат барои гузаштан аз тесткунонии ВНМО, расонидани дастгирии пайравӣ ба табобати зиддиретровирусӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ корбарӣ менамояд.

Мутаассифона шумораи зиёди мизоҷони аз гурӯҳҳои аҳолии зикр намуда, аз гузаштани тесткунонӣ оиди ВНМО берун аз ташкилоти мо даст мекашанд ва мушкилоти сари вақт ошкор гардидани сирояти ВНМО-ро пайдо менамоянд.

Намояндагии мо метавонад мушкилоти мавҷударо бартараф намояд, чунки мутахассисон ва шароити лозимӣ дорад.

Дар Намояндагӣ 2 нафар мутахасссони пуртаҷриба оиди ВНМО/БПНМ, аз ҷумла мутахассиси лоиҳаҳо - Норкулов Т., н.и.т. ва корманди иҷтимоии - Алимова Қ., таҳлилгар фаъолият менамоянд. Онҳо дар маркази СПИДи вилояти Хатлон ва нуқтаи боварӣ барои нашъамандони тазриқӣ фаъолият намудаанд ва доир ба гузаронидани машваратдиҳӣ ва тесткунонии ВНМО дониш ва таҷрибаи кофӣ доранд.